ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

УДК 517.5

Бо ҳуқуқи дастхат

Мухлис Абдул Вадуд

ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЭКСТРЕМАЛИИ НАЗДИККУНИИ ФУНКСИЯҲОИ ДАВРӢ ДАР ФАЗОИ L_2

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика:
6D060101 – таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ

Душанбе — 2022

Диссертатсия дар кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст

РОҲБАРОНИ ИЛМӢ:

Азизов Музаффар – доктори илмҳои физикаю математика, профессор

Шабозов Мирганд Шабозович – академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор;

МУҚАРРИЗОНИ РАСМӢ:

Ҳасанов Юсуфали Ҳасанович, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи информатика ва технологияҳои информатисионии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон

Қозиев Гулназар Мавлоназарович, номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи математика дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳимоя «**15**» **02** соли 2023 соати 14:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-011 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи нишонаи: 734027, ш.Душанбе, кӯчаи Буни-Ҳисорак, бинои 17, синфхонаи 216 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http://www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» «______________» соли 2023 аз рӯи феҳристи пешниҳодгардида ирсол карда шудааст.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионии 6D.KOA-011,
доктори илмҳои физикаю
математика **И.Ҷ. Нуров**

ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот. Назарияи наздиккунии функсияҳо яке аз қисмҳои муҳимтарини таҳлили математикӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи рушди дохилии илмҳои математикӣ ва эҳтиёҷоти амалӣ ин назария дар даҳсолаҳои охир бо суръати баланд инкишоф меёбад. Дар замони ҳозира воридшавии ғояҳо ва усулҳои назарияи наздиккунӣ дар тамоми шохаҳои мухталифи илмҳои математикӣ, хусусан дар самти амалӣ мушоҳида мешавад. Вобаста ба ин пойдевори назарияи наздиккунии бо асарҳои боқигузоштаи классикии Чебышев, Вейерштрасс, Ҷексон ва Бернштейн оиди наздиккунии функсияҳо бо бисёрузваҳо аз нав сохта шуда, дар заминаи васеътар ва мустаҳкамтар гузошта мешавад. Фаҳмост, ки масъалаҳои наздиккунии дар синфи функсияҳо додашаванда, бештар ҳолат масъалаҳои экстремалӣ ба шумор мераванд, ки дар онҳо ёфтани сарҳади аниқи болоии саҳви наздиккунӣ бо усули дар синфи функсияҳои додашуда, талаб карда мешавад ё барои ин синф дастгоҳи беҳтарини наздиккуниро нишон додан лозим аст.

Масъалаҳои экстремалиро дар синфи функсияҳои мушаххас муоина намуда, дар кори диссертатсионии мазкур бо функсияҳои даврӣ маҳдуд мешавем, яъне маҳз дар кор як қатор масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии синфҳои функсияҳои даврӣ бо полиномҳои тригонометрӣ дар фазои гилбертии L_2 таҳқиқ карда мешаванд.

Натиҷаҳои ниҳоӣ барои сарҳади болоии наздиккунии беҳтарин бо полиномҳои тригонометрӣ дар синфҳои мухталифи функсияҳои даврӣ баён карда мешаванд.

Дар боби якум маводи омодагӣ гирд оварда, масъалаҳои экстремалии ҳалношуда дар ҳар як ҳолати мушаххас, асосан барои наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои мобайнии онҳо муфассал таҳлил ва баён карда мешаванд. Сипас масъалаҳои баёншуда дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия, дар синфҳои мухталифи функсияҳои даврӣ ҳал карда мешаванд. Натиҷаҳои ҳосилшуда ниҳоӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар асл ба онҳо ҳеҷ чизро илова ё аз онҳо кам кардан мумкин нест. Маҳз бо ҳамин, муҳиммият ва ба мақсад мувофиқ будани мавзӯи интихоби кори диссертатсионӣ муайян карда мешавад.

Дараҷаи кор карда баромадани мавзӯи таҳқиқот. Масъалаҳои дар кори диссертатсионӣ таҳқиқшуда, аслан масъалаҳои экстремалии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои мобайнии онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ ба шумор меравconfigured. Ба масъалаҳои номбаршуда корҳои А.Л.Гаркави, Ф.Тиман, Н.П.Корнейчук, С.Б.Вакарчук, М.Ш.Шабозов ва шогирдони онҳо бахшида шудааст. Қайд бояд кард, ки дар корҳои А.Л.Гаркави ва А.Ф.Тиман ҳалли аниқи наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини синфи функсияҳо мавҷуд нест. Масъалаи экстремалии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини синфи функсияҳо бо нормаи маҳдуди ҳосилаи олии ниҳоӣ ба воситаи сплайнҳои полиномиалиро Н.П.Корнейчук[1] ҳал кардааст. Масъалаҳои экстремалии номбаршударо барои наздиккунии ҳамҷояи функсияҳои даврӣ бо полиномҳои тригонометрӣ С.Б.Вакарчук[2] ва М.Ш.Шабозов[3] ҳал кардаанд. Масъалаи наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои дар доираи воҳидӣ аналитикӣ дар фазои Харди дар кори М.Ш.Шабозов, Г.А.Юсупов ва Дж.Дж.Заргарова[4] ҳал карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқоти кори диссертатсионӣ аз ҳалли масъалаҳои экстремалӣ ва ҷустуҷӯи қиматҳои сарҳади аниқи болоии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои мобайнии онҳо ба воситаи полиномҳои тригонометрӣ иборат аст. Ҷустуҷӯи усули беҳтарини рамзгузорӣ ва барқароркунии вобастагии функсионалӣ дар ҳолате, ки қиматҳои функсионалҳо аз рӯи функсияи φ, ба воситаи баробарии $f = A\varphi$ дода шудаанд, ки дар ин ҷо A — ягон оператор, рамзгузорӣ карда мешаванд, иборат аст. Ҳолати мушаххаси рамзгузорӣ ва барқароркунии ҳалли масъалаҳои канонии Дирихле ва Нейман аз рӯи иттилоот оид ба функсияҳои сарҳадӣ, инчунин ҳолати мушаххаси додашудаи рамзгузорӣ ва иттилоотӣ дар нуқтаҳои интерполятсия дар порчаи охирнок, таҳқиқ карда шудаанд.

---

[1] Корнейчук Н.П. Сплайны в теории приближения // М.: Наука. – 1984. – 342 С.

[2] Вакарчук С.Б., Забутная В.И. Неравенства типа Джексона-Стечкина для специальных модулей непрерывности и поперечники функциональных классов в пространстве L_2 // Матем. заметки. – 2012. – Т.92. – No4. – С. 497–514.

[3] Шабозов М.Ш. Неравенства между наилучшими полиномиальными приближениями и некоторыми характеристиками гладкости функций в L_2 // Матем. заметки. – 2021. – Т.110. – В.3. – С. 450–458.

[4] Шабозов М.Ш., Юсупов Г.А., Заргаров Дж.Дж. О наилучшей совместной полиномиальной аппроксимации функций и их производных в пространстве Харди // Тр. ИММ УрО РАН. – 2021. – Т.27. – No4. – С. 239–254.

Масъалаҳои таҳқиқот. Мувофиқи мақсади гузошташуда масъалаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

- қимати аниқи тавсифи экстремалии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои даврӣ вобаста аз хосиятҳои дифференсиалии функсияи вазнӣ дар L_2 ёфта шавад;
- наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини баъзе синфи функсияҳо дар L_2 муайян карда шавад;
- тавсифи экстремалии Шабозов – Вакарчук умумӣ карда, қимати аниқи онро муайян ва қиматҳои n-қутрҳои мухталифи баъзе синфи функсияҳо ҳисоб карда шаванд;
- намуди ошкори усули кодиронии ҳалли масъалаи канории Нейман ва барқароркунии беҳтарини вай бо полиномҳои тригонгонометрӣ аз рӯи иттилооти додашуда оиди функсияи сарҳадӣ ёфта шавад;
- қимати аниқи N-қутри иттилоотии баъзе синфи функсияҳои аз гузориши масъалаҳои кодиронӣ ва барқароркунии ҳалли масъалаҳои канории Нейман бармеоянд, ҳисоб карда шаванд;
- ҳалли тақрибии масъалаҳои канории Дирихле ва Нейман бо сплайн-функсияҳои тартиби якум дар синфи Липшитси $H^1[0, 2\pi]$ барқарор карда шавад.

Навигарии илмии таҳқиқот. Дар диссертатсия натиҷаҳои асосии зерин гирифта шудаанд:

- қимати аниқи тавсифи экстремалии наздикунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои даврӣ дар L_2 вобаста ба хосиятҳои дифференсиалии функсияҳои вазнӣ ёфта шудааст;
- наздикунии ҳамҷояи беҳтарини синфҳои мухталифи функсияҳои дифференсиронидашаванда дар L_2 муайян карда шудаанд;
- тавсифи наздикунии экстремалии Шабозов – Вакарчук умумӣ карда шуда, қимати аниқи он муайян карда шуда, қиматҳои n-қутри синфҳои мухталифи функсияҳо ҳисоб карда шудаанд;
- намуди ошкори усули рамзгузории ҳалли масъалаҳои канории Дирихле ва Нейман ва барқароркунии беҳтарини онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ аз рӯи иттилооти додашуда, ёфта шудаанд;

- қимати аниқи N-қутри итилоотии баъзе синфи функсияҳо ҳисоб карда шудааст;
- ҳаллҳои тақрибии масъалаҳои канории Дирихле ва Нейман бо сплайн-функсияҳои тартиби якум дар синфи Липшитси $H^1[0, 2\pi]$ барқарор карда шудаанд.

Арзишҳои назариявӣ ва илмӣ-амалии кор. Кор хусусияти назариявӣ дорад. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва усулҳои исботи онҳоро дар масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои бисёртағирёбанда бо полиномҳои тригонометрӣ истифода кардан мумкин аст.

Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ. Масъалаҳои таҳқиқот ва интихоби усули исботро роҳбарони илмии кор пешниҳод намуда, инчунин ёрии машваратӣ расонидаанд. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионии дар банди «Навигарии илмӣ» номбаршудаaро шахсан муаллиф таалуқ доранд.

Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (ба формула ва соҳаи таҳқиқот). Кори диссертатсионӣ аз рӯи ихтисоси 6D060101 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ иҷро карда шуда, боби таҳлили математикии дар банди III-и фасли 3-уми шиносномаи ихтисоси илмӣ нишондодаро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳое, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд:

- теоремаҳо дар бораи қимати аниқи тавсифи экстремалии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои даврӣ дар L_2 вобаста ба хосиятҳои дифференсиалии функсияҳои вазнӣ;
- теоремаҳо дар бораи наздикунии ҳамҷояи беҳтарини синфҳои мухталифи функсияҳои дифференсиронидашаванда дар L_2;
- теоремаҳо дар бораи умумикунии тавсифи наздиккунии экстремалии Шабозов – Вакарчук, муайянкунии қимати аниқи он ва ҳисобкунии қиматҳои n-қутри синфҳои мухталифи функсияҳо;
- теоремаҳо дар бораи ёфтани намуди ошкори усули рамзгузории ҳалли масъалаи канории Нейман ва барқароркунии беҳтарини он бо полиномҳои тригонометрӣ аз рӯи иттилооти додашуда дар бораи функсияҳои сарҳадӣ;
- теорема дар бораи ҳисоби аниқи қимати N-қутри итилоотии баъзе синфи функсияҳо;

- теоремаҳо дар бораи барқароркунии ҳаллҳои масъалаҳои канории Дирихле ва Нейман бо сплайн-функсияҳои тартиби якум дар синфи Липшитси $H^1[0, 2\pi]$.

Тасвиби натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинарҳо ва конференсияҳои зерин муҳокима ва баррасӣ гардидаанд:

- семинарҳои кафедраи таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии академики АМИТ М.Ш.Шабозов (Душанбе, солҳои 2019-2022) ва семинарҳои кафедраи таҳлили математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ таҳти роҳбарии профессор М.Азизов (Душанбе, солҳои 2017-2021);
- конференсияи байналхалқии илмии “Муаммоҳои муосир ва татбиқи алгебра, назарияи ададҳо ва таҳлили математикӣ” бахшида ба 60-солагии академики АМИ Тоҷикистон З.Х.Раҳмонов ва аъзои вобастаи АМИ Тоҷикистон С.А.Исҳоков (Душанбе, 13-14 декабри соли 2019);
- конференсияи байналхалқии илмии “Муодилаҳои интегралии сингулярӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ” бахшида ба 70-солагии профессор Г.Ҷангибеков (Душанбе, 30-31 январи соли 2020);
- конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Муаммоҳои муосири математикаи амалӣ ва аҳамияти он дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии техникии ҷомеа” (Хуҷанд, 29-30 октябри соли 2021);
- конференсияи байналхалқии илмии “Муаммоҳои муосири тањҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо” бахшида ба 70-солагии академики АМИ Тоҷикистон М.Ш.Шабозов (Душанбе, 24-25 июни соли 2022).

Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия. Натиҷаҳои кори муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия дар 8 кори илмӣ, аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда, ки дар рӯйхати амалкунандаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуда ва 4 мақола дар осори конференсияҳои илмии байналминалӣ ва ҷумҳуриявӣ дарҷ гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 134 номгӯй, ҳамагӣ 135 саҳифаи компютериро дарбар гирифта, дар барномаи LaTeX ҳуруфчинӣ шудааст. Барои осонӣ дар диссертатсия рақамгузории секаратаи теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳо мавриди истифода қарор дода шудааст, ки дар онҳо рақами якум бо рақами боб, рақами дуюм бо рақами фасл ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ё формулаҳои ҳамин фасл мувофиқат мекунанд.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Маводи таҳқиқот аз ҳалли масъалаҳои мухталифи экстремалии назарияи наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои даврӣ ва ҳосилаҳои пайдарпаии онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ, инчунин барқароркунӣ ва рамзгузории ҳалли масъалаҳои сарҳадии физикаи математикӣ иборат мебошад. Усулҳои навтарини ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар фазоҳои банахӣ истифода карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Мазмуни мухтасари кори диссертатсиониро баён мекунем.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ сарчашмаи адабиёт ва гузориши масъалаҳои ҳалношудаи экстремалӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқоти пешбинишуда таҳлил карда мешаванд.

Дар боби дуюми диссертатсия масъалаҳои мухталифи экстремалии назарияи наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳо бо полиномҳои тригонометрӣ дар метрикаи фазои $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ ҳал карда мешаванд. Минбаъд бо рамзҳои $\mathbb{N}$, $\mathbb{Z}_+$, $\mathbb{R}_+$, $\mathbb{R}$ мувофиқан маҷмӯҳои ададҳои натуралӣ, бутуни ғайриманфӣ, мусбат, ҳақиқӣ; $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ — фазои ченшаванда дар маънои Лебеги бо квадрат суммиронидашавандаи функсияҳои 2π-даврӣ бо нормаи охирноки

$$\|f\|_2 := \|f\|_{L_2} = \left(\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi} |f(x)|^2 dx\right)^{1/2};$$

$\mathcal{T}_{2n-1}$ — фазои полиномҳои ҳақиқии тригонометрии тартиби $\leq n-1$ дошта, ишора карда мешаванд. Хуб маълум аст, ки барои функсияи ихтиёрии $f \in L_2$ ҷудокунии формалӣ ба қатори Фурье

$$f(x)=\frac{a_0(f)}{2}+\sum_{k=1}^{\infty}\big(a_k(f)\cos kx+b_k(f)\sin kx\big),$$

ки дар ин ҷо $a_k(f),\ b_k(f)$ – косинус ва синус-коэффитиентҳои Фурье, бузургии наздиккунии беҳтарини вай дар метрикаи L_2 бо зерфазои $\mathcal{T}_{2n-1}$ ба

$$E_{n-1}(f)_2:=\inf\big\{\|f-T_{n-1}\|_2 : T_{n-1}\in\mathcal{T}_{2n-1}\big\}=\big\|f-S_{n-1}(f)\big\|_2=\left\{\sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f)\right\}^{1/2}$$

баробар аст, ки дар ин ҷо

$$S_{n-1}(f,x)=\frac{a_0(f)}{2}+\sum_{k=1}^{n-1}\big(a_k(f)\cos kx+b_k(f)\sin kx\big)$$

— суммаи хусусии тартиби $(n-1)$-уми қатори Фурьеи функсияи f буда,

$$\rho_k^2(f):=a_k^2(f)+b_k^2(f),\ k\in\mathbb{N}.$$

Дар фасли якуми боби дуюм тавсифи экстремалии Шабозов – Юсупов[5] барои наздиккунии ҳамҷояи полиномалии функсияҳои даврӣ ва пайдарпаии ҳосилаҳои онҳо дар синфи $L_2^{(r)}$ $(r\in\mathbb{Z}_+)$ умумӣ карда мешавад:

$$\chi_{n,m,r,p}(\varphi,h):=\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}\,n^{r-s}\,E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left(\int\limits_0^h\omega_m^p(f^{(r)},t)_2\,\varphi(t)dt\right)^{1/p}}. \qquad (1)$$

Яке аз теоремаҳои асосии фасли якуми боби дуюм теоремаи зерин ба ҳисоб меравад.

Теоремаи 2.1.1. *Бигзор функсияи вазнии* $\varphi\in C^{(1)}[0,h]$ *ва барои ҳамаи қиматҳои* $1/r<p\le 2$, $r\in\mathbb{N}$, $0<t\le h$ $(0<h\le\pi/n)$ *нобаробарии зеринро қаноат кунад:*

$$(rp-1)\,\varphi(t)-t\,\varphi'(t)\ge 0. \qquad (2)$$

---

[5] Шабозов М.Ш., Юсупов Г.А. Наилучшие полиномиальные приближения в L_2 некоторых классов 2π-периодических функций и точные значения их поперечников // Матем. заметки. – 2011. – Т.90. – No5. – С. 764–775.

Он гоҳ барои ҳамаи қиматҳои $s = 0, 1, 2, \ldots, r;\ r \in \mathbb{N}$ *баробарии*

$$\chi_{n,m,r,p}(\varphi, h) = \left\{ \int\limits_0^h (1 - \cos nt)^{mp/2}\, \varphi(t) dt \right\}^{-1/p} \tag{3}$$

дуруст аст.

Аз теоремаи 2.1.1 натиҷаи зерин мебарояд.

Натиҷаи 2.1.1. *Ҳангоми иҷрои шартҳои теоремаи 2.1.1 дар ҳолати* $\varphi(t) \equiv 1$ *ва* $h = \pi/n$ *баробарии*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{2^{m/2}\, n^{r-s-1/p}\, E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left(\int_0^{\pi/n} \omega_m^p(f^{(r)}, t)_2\, dt \right)^{1/p}} =$$

$$= \left\{ \int\limits_0^\pi (1 - \cos t)^{mp/2}\, dt \right\}^{-1/p} = \left\{ \frac{1}{\sqrt{\pi \cdot 2^{mp}}} \cdot \frac{\Gamma\left(\dfrac{mp}{2} + 1\right)}{\Gamma\left(\dfrac{mp+1}{2}\right)} \right\}^{1/p} \tag{4}$$

дуруст аст, ки дар ин ҷо $\Gamma(u)$ *– гамма-функсияи Эйлер мебошад.*

Ҳамзамон қайд мекунем, ки аз натиҷаи 2.1.1 нобаробарии намуди Ҷексон – Стечкинро барои наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини худи функсия ва ҳамаи ҳосилаҳои мобайнии он ҳосил мекунем:

$$E_{n-1}(f^{(s)})_2 \leq \frac{1}{2^{m/2}} \cdot \left\{ \frac{\Gamma\left(\dfrac{mp}{2} + 1\right)}{\Gamma\left(\dfrac{mp+1}{2}\right)} \right\}^{1/p} \cdot \frac{1}{n^{r-s}} \cdot \omega_m\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{n}\right), \tag{5}$$

ки дар ин ҷо $m, n \in \mathbb{N},\ r \in \mathbb{Z}_+,\ 1/r < p \leq 2.$

Хуб маълум аст, ки барои ҳар гуна функсияи $f \in L_2^{(r)}$ ҳамаи ҳосилаҳои мобайнии он – $f^{(s)} \in L_2^{(r)}$ $(s = 1, 2, \ldots, r-1,\ r \geq 2,\ r \in \mathbb{N})$ буда, ёфтани қиматҳои аниқи наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини $E_{n-1}(f^{(s)})_2$ дар худи синфи $L_2^{(r)}$ ё дар ягон зерсинфи $\mathfrak{M}^{(r)} \subset L_2^{(r)}$ таваҷҷӯҳро ҷалб мекунад. Ба таври дигар гӯем, ёфтани қимати аниқи бузургии экстремалии

$$\mathcal{E}_{n-1}^{(s)}(\mathfrak{M}^{(r)})_2 := \sup\left\{E_{n-1}(f^{(s)})_2 : f \in \mathfrak{M}^{(r)}\right\} \tag{6}$$

талаб карда мешавад.

Минбаъд дар ин фасл ба сифати $\mathfrak{M}^{(r)}$ синфи $W_{m,p}^{(r)}(\varphi, h) := W_p^{(r)}(\omega_m; \varphi, h)$ функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$-ро дида мебароем, ки барои ҳамаи $r, m \in \mathbb{N}$, $1/r < p \leq 2$ ва $h \in (0, \pi/n]$ шарти

$$\int\limits_0^h \omega_m^p(f^{(r)}, t)_2 \, \varphi(t) dt \leq 1$$

-ро қаноат мекунанд, вале функсияи вазнии $\varphi(t)$ нобаробарии диффересиалии (2)-ро қаноат мекунонад.

Теоремаи 2.1.2. *Бигзор $r, m \in \mathbb{N}$, $1/r < p \leq 2$, $0 < h \leq \pi/n$, $\varphi \in C^{(1)}[0, h]$ буда шарти (2)-ро қаноат кунонад, он гоҳ барои ҳамаи $s = 0, 1, \ldots, r$, $r \in \mathbb{N}$ баробарии*

$$\mathcal{E}_{n-1}^{(s)}\big(W_{m,p}^{(r)}(\varphi, h)\big)_2 = \frac{1}{2^{m/2}\, n^{r-s}} \cdot \left\{\int\limits_0^h (1 - \cos nt)^{mp/2} \, \varphi(t) dt\right\}^{-1/p} \tag{7}$$

дуруст аст.

Аз теоремаи 2.1.2 натиҷаи зерин мебароял.

Натиҷаи 2.1.2. *Ҳангоми иҷрои шартҳои теоремаи 2.1.2 ва $p = 2/m$, $m \in \mathbb{N}$, $\varphi \equiv 1$ ҳосил мекунем:*

$$\mathcal{E}_{n-1}^{(s)}\big(W_{m,2/m}^{(r)}(1, h)\big)_2 = 2^{-m/2} \cdot n^{-(r-s)} \left\{\frac{n}{nh - \sin nh}\right\}^m. \tag{8}$$

Қайд мекунем, ки аз (8) ҳангоми $s = 0$, $m = 1$ натиҷаи Л.В.Тайков[6], вале ҳангоми $s = 0$ ва дилхоҳ $m \in \mathbb{N}$ натиҷаи С.Б.Вакарчук[7] ҳосил мекунем.

Бигзор $\Phi(u)$ ҳамин гуна функсияи бефосилаи ихтиёрии ҳангоми $u \geq 0$ афзуншавандаи $\Phi(0) = 0$ бошад. Бо ёрии $W_{m,p}^{(r)}(\Phi)$ синфи функсияҳои $f \in$

---

[6] Тайков Л.В. Неравенства, содержащие наилучшие приближения и модуль непрерывности функций из L_2 // Матем. заметки. – 1976. – Т.20. – No3. – С. 433–438.

[7] Вакарчук С.Б. Точные константы в неравенствах типа Джексона и точные значения поперечников функциональных классов из L_2 // Матем. заметки. – 2005. – Т.78. – No5. – С. 792–796.

$L_2^{(r)}$-и барои ҳар гуна $m,n,r\in\mathbb{N}$, $1/r<p\le 2$ ва $0<h\le\pi/n$ маҳдудияти

$$\left(\int\limits_0^h \omega_m^p(f^{(r)},t)dt\right)^{1/p} \le \Phi(h)$$

қаноткунонандаро ишора мекунем. Қимати бузургии (6)-ро барои синфи $W_{m,p}^{(r)}(\Phi)$ бо иҷроршавии ягон гуна маҳдудият нисбати функсияи мажорантии $\Phi(u)$ ҳисоб мекунем. Ишораи зеринро ҷорӣ мекунем:

$$\bigl(\sin t\bigr)_* := \bigl\{\sin t,\ \text{агар}\ \ 0\le t\le\pi/2;\quad 1,\ \text{агар}\ \ t>\pi/2\bigr\}.$$

Теоремаи 2.1.3. *Бигзор барои ҳамаи қиматҳои* $\mu>0$, $r,m\in\mathbb{N}$, $0<u\le\pi$, $1/r<p\le 2$ *функсияи* $\Phi(u)$ *шарти зеринро қаноат кунонад:*

$$\Phi^p(u)\int\limits_0^{\mu\pi}\left(\sin\frac{\vartheta}{2}\right)_*^{mp}d\vartheta \le \Phi^p(\mu u)\int\limits_0^{\pi}\left(\sin\frac{\vartheta}{2}\right)^{mp}d\vartheta. \tag{9}$$

Он гоҳ барои ҳар гуна $n\in\mathbb{N}$ *ва* $s=0,1,\ldots,r$, $r\in\mathbb{N}$ *баробариҳои зерин дурустанд:*

$$\mathcal{E}_{n-1}^{(s)}\bigl(W_{m,p}^{(r)}(\Phi)\bigr)_2 = 2^{-m-1/p}\cdot n^{-(r-s)}\left(\int\limits_0^{\pi/n}\left(\sin\frac{nt}{2}\right)^{mp}dt\right)^{-1/p}\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right). \tag{10}$$

Натиҷаи 2.1.3. *Ҳангоми иҷрои шартҳои теоремаи 2.1.3 баробарии*

$$\mathcal{E}_{n-1}^{(s)}\bigl(W_{m,p}^{(r)}(\Phi)\bigr) = \frac{1}{2^{m/2}\cdot n^{r-s-1/p}}\cdot\left\{\frac{\Gamma\left(\dfrac{mp}{2}+1\right)}{\Gamma\left(\dfrac{mp+1}{2}\right)}\right\}^{1/p}\cdot\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right)$$

дуруст аст.

Дар фасли дуюми боби дуюм умумикунии тавсифи экстремалии маълуми Вакарчук[8] дар намуди умумӣ, ҳангоми наздиккунии ҳамҷоя оварда мешавад:

---

[8] Вакарчук С.Б. Неравенство типа Джексона и поперечники классов функций в L_2 // Матем. заметки. – 2006. – Т.80. – No1. – С. 11–18.

$$\mathcal{M}''_{m,n,r,s}(h) :=$$

$$:= \sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{h^{m/2}\, n^{r-s}\, E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left\{\int\limits_0^h \omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)_2 dt + n^2\int\limits_0^h \left(\int\limits_0^t (t-\tau)\,\omega_m^{2/m}(f^{(r)},\tau)_2 d\tau\right) dt\right\}^{m/2}}. \quad (11)$$

Дар ин ҷо теоремаҳои зерин асосӣ ба ҳисоб меравaнд.

Теоремаи 2.2.2. *Бигзор* $m,n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\ge s$ *ва* $0<h\le\pi/n$ *бошад. Он гоҳ баробарии*

$$\mathcal{M}''_{m,n,r,s}(h) \equiv \left(\frac{3\sqrt{3}}{nh}\right)^m \quad (12)$$

дуруст аст. Дар ҳолати хусусӣ, аз (12) *ҳангоми* $h=\pi/n$ *ҳосил мекунем:*

$$\mathcal{M}''_{m,n,r,s}\left(\frac{\pi}{n}\right) = \left(\frac{3\sqrt{3}}{\pi}\right)^m. \quad (13)$$

Акнун ҳалли масъалаи экстремалии (6)-ро, ки дар мавриди $\mathfrak{M}^{(r)} := W_m^{(r)}(h)$ – синфи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$, ки барои ҳар гуна $h>0$ нобаробарии

$$\frac{1}{h}\int\limits_0^h \omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)_2 dt + \frac{\pi^2}{h^3}\int\limits_0^h \left(\int\limits_0^t (t-\tau)\,\omega_m^{2/m}(f^{(r)},\tau)_2 d\tau\right) dt \le 1 \quad (14)$$

ҷой дорад, дида мебароем.

Теоремаи 2.2.3. *Бигзор* $m,n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\ge s$ *ва* $0<h\le\pi/n$ *бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathcal{E}_{n-1}^{(s)}\left(W_m^{(r)}(h)\right) = \frac{1}{n^{r-s}}\cdot\left(\frac{3\sqrt{3}}{nh}\right)^m. \quad (15)$$

Дар фасли сеюми боби дуюм тавсифи экстремалии Шабозов – Вакарчук[9]

$$\widetilde{\chi}_{m,n,r}(h) := \sup\left\{\frac{n^r h^m E_{n-1}(f)}{\left(\int_0^h (h-t)\omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)dt\right)^{m/2}} : f \in L_2^r,\ f \neq const\right\} \tag{16}$$

-ро, ки модули бефосилагии миёнакардашудаи тартиби m-уми $\omega_m^{2/m}(f,t)$-ро бо функсияи вазнии $h-t$ $(0 \le t \le h)$ дар бар мегирад, дар ҳолати наздиккунии ҳамҷояи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$-и намуди

$$\widetilde{\widetilde{\chi}}_{m,n,r,s}(h) := \sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s}\, E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left(\frac{1}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\,\omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)dt\right)^{m/2}} \tag{17}$$

умумӣ карда, теоремаи зерин исбот карда мешавад.

Теоремаи 2.3.2. *Барои ҳамаи қиматҳои* $m,n \in \mathbb{N},\ r \in \mathbb{Z}_+,\ r \ge s$ *ва* $0 < h \le \pi/n$ *баробарии зерин дуруст аст*

$$\widetilde{\widetilde{\chi}}_{m,n,r,s}(h) = \left\{1 - \left(\frac{2\sin(nh/2)}{nh}\right)^2\right\}^{-m/2}. \tag{18}$$

Синфи $\mathcal{F}_m^{(r)}(h)$ функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$, ки барои ҳар гуна $m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ ва $h \in (0, 2\pi]$ шарти

$$\frac{1}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\,\omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)dt \le 1$$

-ро қаноат мекунонанд, дида мебароем.

Теоремаи 2.3.3. *Барои ҳар гуна* $m,n \in \mathbb{N},\ r,s \in \mathbb{Z}_+,\ r \ge s$ *ва* $0 < h \le$

---

[9] Шабозов М.Ш., Вакарчук С.Б. О наилучшем приближении периодических функций тригонометрическими полиномами и точных значениях поперечников функциональных классов в L_2 // Analysis Mathematics. – 2012. – Т.38. – No2. – PP. 154–163.

π/n баробарии

$$\mathcal{E}_{n-1}^{(s)}\left(\mathcal{F}_m^{(r)}(h)\right)=\frac{1}{n^{r-s}}\cdot\left\{1-\left(\frac{2\sin(nh/2)}{nh}\right)^2\right\}^{-m/2} \tag{19}$$

дуруст аст ва дар ҳолати хусусӣ, ҳосил мекунем:

$$\mathcal{E}_{n-1}^{(s)}\left(\mathcal{F}_m^{(r)}\left(\frac{\pi}{n}\right)\right)=\frac{1}{n^{r-s}}\cdot\left\{\frac{\pi^2}{\pi^2-4}\right\}^{m/2}. \tag{20}$$

Пеш аз он ки натиҷаҳои асосии фасли чоруми боби дуюмро баён кунем, мафҳумҳо ва таърифҳои заруририро хотиррасон мекунем. Бигзор S — курраи воҳидӣ дар L_2; $\mathfrak{N}$ — зермаҷмӯи марказӣ-симметрии L_2; $\Lambda_n\subset L_2$ зерфазои n-ченака; $\Lambda^n\subset L_2$ — зерфазои коченакаи n; $\mathcal{L}:L_2\to\Lambda_n$ — оператори бефосилаи хаттии элементҳои фазои L_2-ро ба Λ_n гузаронанда; $\Lambda^\perp:L_2\to\Lambda_n$ — оператори бефосилаи проектиронии хаттӣ дар L_2 ба зерфазои Λ_n гузаронида бошад. Бузургиҳои

$$b_n\big(\mathfrak{N};L_2\big)=\sup\left\{\sup\left\{\varepsilon>0:\ \varepsilon S\cap\Lambda_{n+1}\subset\mathfrak{N}\right\}:\Lambda_{n+1}\subset L_2\right\},$$

$$d_n\big(\mathfrak{N};L_2\big)=\inf\left\{\sup\left\{\inf\left\{\|f-\varphi\|:\varphi\in\Lambda_n\right\}:f\in\mathfrak{N}\right\}:\Lambda_n\subset L_2\right\},$$

$$\delta_n\big(\mathfrak{N};L_2\big)=\inf\left\{\inf\left\{\sup\left\{\|f-\mathcal{L}f\|:f\in\mathfrak{N}\right\}:\mathcal{L}L_2\subset\Lambda_n\right\}:\Lambda_n\subset L_2\right\},$$

$$d^n\big(\mathfrak{N};L_2\big)=\inf\left\{\sup\left\{\|f\|:f\in\mathfrak{N}\cap\Lambda^n\right\}:\Lambda^n\subset L_2\right\},$$

$$\Pi_n\big(\mathfrak{N};L_2\big)=\inf\Big\{\inf\Big\{\sup\Big\{\|f-\mathcal{L}^\perp f\|:f\in\mathfrak{N}\Big\}:\mathcal{L}^\perp L_2\subset\Lambda_n\Big\}:\Lambda_n\subset L_2\Big\}$$

мувофиқан n-қутри *бернштейнӣ, колмогоровӣ, хаттӣ, гелфандӣ ва проектсионӣ* меноманд. Азбаски L_2 фазои гилбертист, он гоҳ муносибатҳои зерини байни n-қутри дар боло номбаршуда[10,11] дуруст аст:

$$b_n\big(\mathfrak{N};L_2\big)\le d^n\big(\mathfrak{N};L_2\big)\le d_n\big(\mathfrak{N};L_2\big)=\delta_n\big(\mathfrak{N};L_2\big)=\Pi\big(\mathfrak{N};L_2\big). \tag{21}$$

Бо рамзи $W_m^{(r)}(h)$, $m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ синфи функсияҳои $f\in L_2^{(r)}$-ро ишора мекунем, ки барои ҳар гуна $h>0$ нобаробарии (14) ҷой дорад.

Теоремаи зерин ҷой дорад.

---

[10] Pinkus A. n-Widths in Approximation Theory // Springer. Berlin. – 1985.

[11] Тихомиров В.М. Некоторые вопросы теории приближений // М.: Издательство МГУ. – 1976. – 304 С.

Теоремаи 2.4.1. *Барои ҳар гуна қиматҳои* $n, m \in \mathbb{N},\ r \in \mathbb{Z}_+$ *ва* $0 < h \leq \pi/n$ *баробариҳои*

$$\gamma_{2n}(W_m^{(r)}(h)) = \gamma_{2n-1}\big(W_m^{(r)}(h)\big) = E_{n-1}\big(W_m^{(r)}(h)\big) = \frac{(\sqrt{3})^m}{(nh)^m} \cdot \frac{1}{n^r} \qquad (22)$$

ҷой дошта, дар ҳолати хусусӣ аз (23) *ҳангоми* $h = \pi/n$ *ҳосил мекунем:*

$$\gamma_{2n}\left(W_m^{(r)}\left(\frac{\pi}{n}\right)\right) = \gamma_{2n-1}\left(W_m^{(r)}\left(\frac{\pi}{n}\right)\right) = E_{n-1}\left(W_m^{(r)}\left(\frac{\pi}{n}\right)\right) = \left(\frac{\sqrt{3}}{\pi}\right)^m \frac{1}{n^r}, \quad (23)$$

ки дар ин ҷо

$$E_{n-1}\big(W_m^{(r)}(h)\big)_2 := \sup\big\{E_{n-1}(f)_2 : f \in W_m^{(r)}(h)\big\},$$

$\gamma_n(\cdot)$ *— ҳар гуна аз* n*-қутри дар боло номбаршуда, мебошад.*

Дар муоина синфи функсияҳои зеринро ҷорӣ мекунем:

$$\mathcal{F}_m^{(r)}(\Phi) := \left\{ f \in L_2^{(r)} : \frac{1}{h^2}\int\limits_0^h (h-t)\omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t)\, dt \leq \Phi(h) \right\}.$$

Тасдиқоти зерин дуруст аст.

Теоремаи 2.4.5. *Бигзор мажоранти* Φ *шарти зеринро қаноат кунонад:*

$$\frac{\Phi(h)}{\Phi(\pi/n)} \geq \frac{1}{\pi^2 - 4} \cdot \left(\frac{\pi}{nh}\right)^2 \begin{cases} (nh)^2 - 2(1 - \cos nh), & \text{агар } 0 \leq h \leq \pi/n, \\ \pi^2 - 4 + (nh - \pi)^2, & \text{агар } h \geq \pi/n. \end{cases} \qquad (24)$$

Он гоҳ барои ҳар гуна ададҳои $m, n \in \mathbb{N}$ *ва* $r \in \mathbb{Z}_+$ *баробариҳои*

$$\lambda_{2n-1}\big(\mathcal{F}_m^{(r)}(\Phi), L_2\big) = \lambda_{2n}\big(\mathcal{F}_m^{(r)}(\Phi), L_2\big) = E_{n-1}\big(\mathcal{F}_m^{(r)}(\Phi)\big) =$$

$$= \frac{1}{n^r} \cdot \left\{ \frac{\pi^2}{\pi^2 - 4} \cdot \Phi\Big(\frac{\pi}{n}\Big) \right\}^{m/2} \qquad (25)$$

дурустанд, ки дар ин ҷо $\lambda_n(\cdot)$ *— дилхоҳ аз* n*-қутри* $b_n(\cdot)$, $d^n(\cdot)$, $d_n(\cdot)$, $\delta_n(\cdot)$ *ё* $\Pi_n(\cdot)$. *Маҷмӯи мажорантҳо, ки маҳдудияти (24)-ро қаноат мекунонад, холӣ нест.*

Тасдиқоти зерин натиҷаи теоремаи 2.4.5 мебошад.

Теоремаи 2.4.6. *Бигзор ҳамаи шартҳои теоремаи 2.4.5 иҷро шаванд. Он гоҳ барои ҳар гуна ададҳои* $n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ *баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\sup\Big\{|a_n(f)| : f \in \mathcal{F}_m^{(r)}(\Phi)\Big\} = \sup\Big\{|b_n(f)| : f \in \mathcal{F}_m^{(r)}(\Phi)\Big\} = \frac{1}{n^r}\left\{\frac{\pi^2}{\pi^2-4}\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right)\right\}^{m/2}.$$

Дар боби сеюм масъалаҳои рамзгузорӣ ва барқароркунии вобастагии функсионалӣ ҳангоми қиматҳои функсионалҳо ба функсияи φ функсияи $f = A\varphi$ рамзгузорӣ карда мешавад, ки дар ин ҷо A ягон оператореро ифода мекунад, омӯхта мешаванд. Н.П.Корнейчук[12,13,14] ҳолатҳои мушаххасро барои операторҳои диффересиронӣ, лағжиш ва ҳам барои ҳалли масъалаи канории Дирихле таҳқиқ кардааст.

Масъалаҳои рамзгузорӣ ва барқароркунии минбаъдаи вобастагии функсионалии ҳам дар самти назариявӣ ва ҳам дар самти амалӣ муоинашаванда, дар солҳои охир бештар таваҷҷӯҳро ҷалб мекунанд. Ин аз он ҷумла, бо он маънидод карда мешавад, ки усулҳои самараноки ҳалли масъалаҳои экстремалии ёфташуда дар назарияи наздиккунӣ имконияти ёфтани ҳалли аниқ ва дар як қатор масъалаҳои рамзгузории беҳтарин барқароркунии функсияҳоро муҳайё мекунанд.

Дар интишори ба мо маълум доир ба муаммои мазкур, усули рамзгузорӣ аз рӯи саҳви барқароркунии худи функсияҳои рамзгузошта, баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ин ҷо масъалаи бештар умумиро дида мебароем: вақте ки аз рӯи иттилооти дискретӣ оиди функсияи φ функсияи $f = A\varphi$ барқарор карда мешавад, ки онҳо функсияи φ бо ягон оператори A инъикос карда мешавад.

Бигзор X, Y — фазоҳои метрикӣ мувофиқан бо масофаҳои $\rho(x,y)_X$ ва $\rho(x,y)_Y$ бошанд. Бо ёрии маҷмӯи

$$M_N = \{\mu_1, \mu_2, \ldots, \mu_N\} \tag{26}$$

---

[12] Корнейчук Н.П. Об оптимальной кодировании элементов метрического пространства // Укр. матем. журн. – 1987. – Т.39. – No2. – С. 158–173.

[13] Корнейчук Н.П. Приближение и оптимальное кодирование гладких плоских кривых // Укр. матем. журн. – 1989. – Т.41. – No4. – С. 492–499.

[14] Корнейчук Н.П. О некоторых задачах кодирования и восстановления функций // Укр. матем. журн. – 1991. – Т.43. – No4. – С. 514–524.

функсионалҳои бефосилаи μ_k, $k = 1, 2, \ldots, N$ дар X додашуда ба элементи $x \in X$ вектори ададии

$$T(x, M_N) = \big\{\mu_1(x), \mu_2(x), \ldots, \mu_N(x)\big\} \tag{27}$$

-ро мувофиқ мегузорем, ки онро вектори иттилоот меномем. Ҳисоб кардан мумкин аст, ки элементи x бо нуқтае дар R^N бо ёрии маҷмӯи функсионалҳои (26), ки усули рамзгузориро муайян мекунад, рамзгузорӣ карда шудааст. Агар $Y = X$ ва аз рӯи вектори (27) элементи x аз ягон маҷмӯи $\mathfrak{M} \subset X$ барқарор карда шавад, он гоҳ ченаки иттилоотии усули рамзгузорӣ бо дараҷаи муайян бо диаметри прообрази инъикоси $x \to T(x, M_N)$, яъне бо диаметри маҷмӯи $\{y : y \in \mathfrak{M},\ T(y, M_N) = T(x, M_N)\}$ тавсиф карда мешавад: чӣ қадаре ки диаметр хурд бошад, ҳамон қадар иттилоотии усул – M_N калонтар аст.

Ҳолатеро дида мебароем, ки дар он аз рӯи вектори иттилоотии $T(x, M_N)$, $x \in \mathfrak{M} \subset X$ элементи $Ax \in Y$-ро, ки дар ин ҷо A — ягон оператори бефосилаи $\mathfrak{M}$-ро ба Y инъикоскунанда мебошад, барқарор кардан зарур аст. Дар ин маврид иттилоотии усули рамзгузориро аз рӯи диаметри маҷмӯи элементҳои Ay, $y \in \mathfrak{M} \subset X$, ки барои он вектори иттилоотии $T(y, M_N)$ ҳамон як аст, баҳогузорӣ кардан лозим аст. Барои дурустии гузориши масъала охирнокии ин диаметрро бо роҳи ба элементҳои маҷмӯи $\mathfrak{M}$ гузоштани ин ё он шартҳои пешакӣ, таъмин кардан лозим аст. Бузургии

$$\mathscr{K}(\mathfrak{M}, A, M_N)_{X,Y} = \sup\Big\{\rho(Ax, Ay)_Y : x, y \in \mathfrak{M},\ T(x, M_N) = T(y, M_N)\Big\} \tag{28}$$

иттилоотии усули рамзгузории қайдшудаи M_N-ро нисбат ба оператори A ва маҷмӯи $\mathfrak{M}$-ро тавсиф мекунад. Дар ин ҳол табиӣ, масъала оид ба усули рамзгузории беҳтарин барои маҷмӯи $\mathfrak{M}$ ва оператори A, яъне масъалаи ҷустуҷӯи сарҳади аниқи поёнии (барои N-и қайдшуда)

$$\gamma^N(\mathfrak{M}, A, X, Y) = \inf_{M_N} \mathscr{K}(\mathfrak{M}, A, M_N)_{X,Y} \tag{29}$$

ва муайянкунии усули $\mathscr{K}$, ки ин сарҳади поёниро амалӣ мекунад, пайдо мешавад.

Дар фасли дуюми боби сеюм масъалаи беҳтаркунии барқароркунии қиматҳои операторҳо дар гузориши Н.П.Корнейчук[15] дар намунаи барқароркунии беҳтарини ҳалли масъалаи канории Нейман барои муодилаи Лаплас, дар доираи воҳидӣ дар шакли баёни зерин таҳқиқ карда мешавад: талаб карда мешавад, ки функсияи гармоникии $U(\rho, t)$ $(0 \leq \rho \leq 1, 0 \leq t \leq 2\pi)$ муодилаи

$$\left(\frac{\partial^2}{\partial \rho^2} + \frac{1}{\rho} \cdot \frac{\partial}{\partial \rho} + \frac{1}{\rho^2} \cdot \frac{\partial^2}{\partial t^2}\right) U(\rho, t) = 0 \tag{30}$$

ва ду шарти канории

$$\left.\frac{\partial U}{\partial \rho}\right|_{\rho=1} = g(t), \ \int\limits_0^{2\pi} g(t)dt = 0 \tag{31}$$

қаноаткунанда, ёфта шавад.

Ҳалли масъалаҳои (30)-(31) мавҷуд буда, бо саҳеҳӣ то доимӣ ва формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$U(\rho, t) := U(g; \rho, t) = C_1 + \frac{1}{\pi} \int\limits_0^{2\pi} \Phi_\rho(t - \tau) g(\tau) d\tau, \ C_1 = const, \tag{32}$$

ки дар ин ҷо

$$\Phi_\rho(t) = \sum_{k=1}^{\infty} \frac{\rho^k}{k} \cos kt, \ 0 \leq \rho < 1. \tag{33}$$

Функсияи $\Phi_\rho(t)$-ро ядрои Нейман меноманд.

Теоремаи 3.2.1. *Барои саҳви барқароркунии ҳалли $U(\rho, t)$-и масъалаҳои (30)-(31) бо полиноми тригонометрии*

$$T_{n-1}\big(U(g; \rho, \cdot), \lambda, t\big) = \frac{a_0 \lambda_0}{2} + \sum_{k=1}^{n-1} \lambda_k \big(a_k(g) \cos kt + b_k(g) \sin kt\big)$$

дар метрикаи L_p $(1 \leq p \leq \infty)$ баҳои зерин ҷой дорад:

$$\sup_{\|g\|_p \leq 1} \inf_\lambda \Big\| U(g; \rho, \cdot) - T_{n-1}(U(g; \rho, \cdot), \lambda) \Big\|_p =$$

---

[15] Корнейчук Н.П. Об оптимальном восстановлении значений операторов // Укр. матем. журн. – 1994. – Т.46. – №10. – С. 1375–1381.

$$= \sup_{\|g\|_p \le 1} \left\| U(g;\rho,\cdot) - T_{n-1}\big(U(g;\rho,\cdot),\mu\big) \right\|_p \le$$

$$\le E_n(\Phi_\rho)_{L_1} = 4 \cdot \int\limits_0^\rho \frac{\operatorname{arctg} r^n}{r} d\rho,\ 0 \le \rho < 1, \qquad (34)$$

ки дар ин ҷо маҷмӯи коэффисиентҳои $\mu = (\mu_1, \mu_2, \cdots, \mu_{n-1})$ *бо баробарии*

$$\Phi_\rho \left(\frac{2j-1}{2n} \cdot \pi \right) = T^*_{n-1} \left(\frac{2j-1}{2n} \cdot \pi, \mu \right) \ (j = \overline{1,n})$$

муайян карда шудаанд. Нобаробарии (34) ҳангоми $p = 1$ *ва* $p = \infty$ *беҳтарнашаванда аст.*

Теоремаи 3.2.2. *Барои наздиккунии беҳтарини ҳалли* $U(g;\rho,t)$*-и масъалаҳои канорӣ (30)-(31) бо полиномҳои тригонометрӣ дар метрикаи* L_p $(1 \le p \le \infty)$ *баҳои зерин дуруст аст:*

$$E_n\big(U(g;\rho,\cdot)\big)_p \le \left(\frac{4}{\pi} \int\limits_0^\rho \frac{\operatorname{arctg} r^n}{r} dr \right) \cdot E_n(g)_p,\ (0 \le \rho < 1). \qquad (35)$$

Ҳамин гуна функсияи $g_0(t) \in L_p$ *бо нормаи* $\|g_0\|_p \le 1$ *мавҷуд аст, ки барои вай дар (35) ҳангоми* $p = 1$ *ва* $p = \infty$ *аломати баробарӣ ҷой дорад.*

Бигзор X ва Y – фазои хаттии нормиронӣ, A – оператори хаттии бефосила аз X ба Y бошад. M_N – маҷмӯи функсионалҳои хаттии бефосилаи $\mu_1, \mu_2, \cdots, \mu_N$ додашуда дар X^*, ки дар ин ҷо X^* фазои ба X ҳамроҳшуда мебошад. Ба ҳар як $x \in X$ вектори иттилоотии

$$T\big(x, M_N\big) := \big\{\mu_1(x), \mu_2(x), \cdots, \mu_N(x)\big\} \qquad (36)$$

-ро мувофиқ мегузорем, ки онро ҳамчун рамзгузории элементи x – нуқта аз фазои N-ченакаи $\mathbb{R}^N$ дида баромадан мумкин аст. Агар $\mathfrak{M}$ – ягон маҷмӯи маҳдуд дар X бошад, он гоҳ мегузорем:

$$G(\mathfrak{M}; A, M_N)_Y = \sup\Big\{ \big\|Ax - Ay\big\|_Y : x, y \in \mathfrak{M}, T(x, M_N) = T(y, M_N) \Big\}.$$

Бузургии

$$\gamma_N\big(\mathfrak{M}, A, Y\big) = \inf\big\{ G\big(\mathfrak{M}, A, M_N\big)_Y : M_N \subset X^* \big\}$$

барои ҳамаи $x \in \mathfrak{M}$ саҳви барқароркунии элементи Ax аз рӯи иттилооти (36)-и аз рӯи имкон хурдтарини кафолатнокро медиҳад. Вай N-қутри иттилоотии маҷмӯи $\mathfrak{M}$ дар фазои Y номида мешавад. Агар $\mathfrak{M}$ – маҷмӯи барҷастаи марказӣ-симметрӣ дар фазои нормиронии X бошад, он гоҳ ҳосил мекунем:

$$G\big(\mathfrak{M}; A, M_N\big)_Y = 2\sup\big\{\big\|Ax\big\|_Y : x \in \mathfrak{M}, T(x, M_N) = 0\big\} \tag{37}$$

ва дар ин ҳолат

$$\gamma_N\big(\mathfrak{M}, A, Y\big) = 2\inf\big\{\sup\big\{\big\|Ax\big\|_Y : x \in \mathfrak{M}, T(x, M_N) = 0\big\} : M_N \subset X^*\big\}. \tag{38}$$

Бигзор $A := A_{\Phi_\rho}$ – оператори лағжиш бо ядрои 2π-даврии $\Phi_\rho(t)$, ки дар ин ҷо $\Phi_\rho(t)$ ядрои Неймани (33) бошад. Барои $\Phi_\rho \in L_1$ функсияи $g(t)$-ро бо вектори иттилоотии

$$T\big(g, M_N'\big) := \big\{\mu_1(g), \mu_2(g), \cdots, \mu_N(g)\big\},$$

